Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ассотсиатсияи Милии хоҷагиҳои деҳқони (фермерӣ) ҶТ

ДАР СОМОНАИ МО МАВОДҲОИ ГУНОГУНИ ФОИДАНОК ЗИЁД АСТ. МАРҲАМАТ БО ТАВРИ РОЙГОН ДАСТРАС НАМОЕД! WWW.AIST.TJ Хизматрасонии барои ҷамъоварӣ ва паҳн намудани маводҳои гуногун дар соҳаи кишоварзӣ ташкил гардидааст ва барои мазмун ва мундариҷаи маводҳо ҷавобгар нест. Аммо, дар ҳолати пайдо шудани хатоҳо ва бо мақсади бартараф намудани онҳо, аз ҳамаи истифодабарандаҳо хоҳиш дорем, ки моро тавассути қуттии электронии мо mail@aist.tj огоҳ намоянд. Қаблан миннатдории хешро баён **намуда ба фаъолияти ҳамаи Шумо баракат орзу дорем**!

# ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШИ САБЗӢ



Душанбе – 2011

Дастурамали мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA) «Беҳтар намудани хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон" таҳия ва нашр карда шуд.

**Муаллифон:**

Т. Ахмедов, аъзои вобастаи АИКТ, доктори илмҳои кишоварзӣ,

М. Сулангов, корманди калони илмӣ,

Б.Б. Сангинов, корманди калони илмӣ.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## ПЕШГУФТОР

Сабзӣ яке аз зироатҳои сабзавотии паҳнгашта дар ҷумҳурӣ ва васеъ истеъмолшаванда ба ҳисоб меравад. Сабзӣ сабзаводи писандида ва хосаи мардуми Шарқ аст. Дар таркиби сабзӣ витаминҳои бисёр, кислотаҳои органикӣ, қанд ва дигар моддаҳои зарурӣ хело зиёд мебошанд. Аз ҳама муҳимаш дар таркиби он аз ҳама зиёд каротин аст, ки он барои организми инсон аҳамияти калон дорад. Сабзӣ дар хӯрок баъди тоза кардани пӯсташ, инчунин коркарди он (шарбати сабзӣ) ва барои таомҳои хунук ва гарм истифода бурда мешавад. Дар тибби қадим сабзӣ барои муолиҷаи зардпарвин, (желтуха) касалиҳои ҷигар, муолиҷаи касалиҳои шабкурӣ низ истифода бурда мешавад.

Дар шароити иқлими водии Ҳисор кишти баҳорӣ аз нимаи дуюми моҳи феврал, тобистонӣ аз нимаи аввал ва охири моҳи июл (10- 30) ва кишти тирамоҳӣ дар аввалҳои моҳи ноябр, аввали май оғоз мешавад.

Сабзӣ чун растании ба салқинии ҳаво ва намнокии хок эҳтиёҷи калон дошта, дар ин минтақа дар ҳолати гузаронидани кишт, тухмаш бо таъмини нигоҳубини муътадили он дар моҳи май, июн ва моҳи ноябр – декабр ҳосили дилхоҳ медиҳад. Дар ҷумҳурӣ навъҳои зерини сабзӣ бисёртар парвариш карда мешаванд: «Мшаки сурх», «Мирзои сурх», «Тиллоранг», «Нантская-4», «Нантес», «Лосиноостровская 13», «Рогнеда», «Шантанэ-1641», «Курода», «Тушон» ва ғайраҳо.

### НАВЪҲО

Аз рӯи истифода сабзиро барои истифодабарии хӯрокӣ ва барои коркард истифода мебаранд. Аз рӯи давомнокии давраи нашъунамо тезпаз (90 -92 рӯз), миёнапаз (115 -120 рӯз), дерпаз (130 – 140 рӯз) ва тирамоҳӣ (180-200 рӯз) мешавад.

Навъҳои сабзие, ки бештар дар шароити иқлими Тоҷикистон парвариш карда мешавад

| № | Навъҳои сабзӣ | Дар кадом мамлакат офарида шудааст | Гӯруҳи пухта расиш | Давраи нашъунамо ( рӯз) | Ҳосилнокии миёна (с/га) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мшаки – Сурх | Тоҷикистон | пешпаз | 90 - 92 | 380 - 400 |
| 2 | Мирзои –Сурх- 228 | Узбекистон | миёнапаз | 115 -120 | 200 – 400 |
| 3 | Нантская-4 | Россия | пешпаз | 85 - 108 | 200 - 350 |
| 4 | Тиллоранг | Тоҷикистон | пешпаз | 90 - 100 | 270 - 400 |
| 5 | Рогнеда | Россия | миёна паз | 115 - 118 | 400 - 500 |
| 6 | Шантанэ -2461 | Россия | пешпаз | 105 - 115 | 200 - 400 |

www.aist.tj

**№1. Навъи Мшаки Сурх.** **Навъи Мшаки Сурх.** Навъи маҳаллӣ буда, чун навъи сабзии пешпазак ба ҳисоб меравад. Мӯҳлати пухта расиданаш аз сабзиши тухм то пухта расидани бехмевахояш 90-92 рӯз мебошад. Бехмеваҳояш шакли силиндрӣ дошта, қисми болоии он ҳамвор мебошад. Рангаш сурхчатоб, вазни миёнаи бехмеваҳо 70-74 грамм ва аз ин ҳам зиёд мешавад. Ҳосилнокияш то 400 с/ га.



Навъи Мшаки Сурх навъи тобистона буда фақат дар кишти такрорӣ барои кишт дар моҳи июл истифода бурда мешавад. Дар вақти кишти баҳорӣ ҳосили паст медиҳад ва дар натиҷаи паст фаромадани ҳарорати ҳаво ва боридани барфи ночиз фазаи яровизатсия гузашта қисми зиёди (50- 70 %) ниҳолҳо гулхона ҷудо карда ҳосил намедиҳанд.

**№2.Навъи Мирзои Сурх -228**. Навъи маҳаллӣ, миёнапаз буда, мӯҳлати пухта расиданаш аз сабзиши тухм то пӯхта расидани бехмевахояш 115- 120 рӯз лозим аст. Барғаш сабзи баланд, бехмевааш 60- 85 гр, нугтез ё кулула қисми болоиаш (1-2 см аз хок боло меистад), гулобии норинҷӣ, хушбӯй, сахти карсосӣ. Дар ҳолати норасоӣ ё барзиёд будани об сахт мешавад. Аз ҳар гектар 200-400 сентнер ҳосил медиҳад.



**№3. Навъи Нантская-4**. Навъи Федератсияи Россия. Ин навъ асосан барои кишти тирамоҳию зимистонӣ ва баҳорӣ истифода бурда мешавад. Дар вақти тирамоҳӣ дар моҳи ноябр (1-10) кишт намудан гул намекунад, ки ин хусусияташ аҳамияти калон дорад. Дар вақти кам будани намӣ бехи он мекафад. Камбудии ин навъ дар он аст, ки қобилияти нигоҳдориаш дар зимистон кам аст. Асосан ба шакли тару тоза дар моҳҳои май-июл истифода бурда мешавад.



Давраи нашъунамояш аз пурра неш зада баромадани тухмӣ то пухта расидани он аз 85 то 108 рӯз мебошад. Вазни миёнаи бехиаш аз 40 то 60 гр. Ҳосилнокии миёнааш аз 200 – 350 с/га.

**№4.Навъи «Тиллоранг».** Навъи нав буда, мӯҳлати пӯхта расиданаш 90 –100 рӯз, вазни миёнаи бехмевааш 60-150 грамм ва аз ин ҳам зиёд, ҳосилнокии миёнааш 270 – 400 с/га. Ранги бехмевааш сурхи паст, дарозии бехмевааш 10-16 см, намудаш силиндрӣ. Сифати бехмевааш баланд буда, барои дар мӯҳлати зиёд нигоҳ доштан ҷавобгӯ мебошад.



**№5.Навъи Рогнеда.** Навъи миёнапаз буда аз неш задании баромадани ниҳолҳо то расидани ҳосили техникӣ он 115 -118 рӯзро дар бар мегирад. Бехмевааш сурхи гулобии ҳамвор ва чашмакҳои камнамоён дорад. Намуди бехмевааш силиндршакл, дар замин бехмавааш пурра панох мешавад. Вазни миёнаи бехмавааш 90–100 гр, сифати бехиаш ниҳоят хуб буда, аз замин ба осонӣ канда мешавад. Ҳосилнокиаш 400-500 кг аз сотихро ташкил медиҳад.



**№6.Навъи Шантанэ -2461**. Навъи пешпаз буда аз неш зада баромадани ниҳолҳо то



расидани ҳосили техникии он 105-115 рӯзро дар бар мегирад. Кишти ин навъ тирамоҳ дар моҳи ноябр (1 -10) ва баҳор дар моҳи феврал ва аввали март гузаронида мешавад. Бехмевааш сурхи гулобии ҳамвор ва чашмакҳои камнамоён дорад. Намуди бехмевааш дарози нугаш ҳамвор, дарозиаш 15 см, диаметраш 5-6 см, вазни миёнааш 80- 250 г. дар замин бехмавааш пурра панох мешавад. Сифатҳои хӯрокӣ ва молиаш хело хуб мебошад. Дар вақти кишт ва гулкунии тобовар мебошад, аз замин ба осонӣ канда мешавад. Ҳосилнокиаш 200- 400 кг аз сотихро ташкил медиҳад.

## ХУСУСИЯТҲОИ БИОЛОГИИ САБЗӢ

Сабзӣ - растании дусолаи сабзавотӣ буда ба оилаичатргулон (зонтичных) дохил шуда, дар соли якуми кишт бехмева ва дар соли дуюм, баъди шинондани бехмеваи он тухмӣ медиҳад.

Решаи он тирреша буда, то чуқурии 2 – 2,5 м меравад. Дарозии бехмеваи молии он вобаста ба навъҳои он 10- 30 см, диаметраш – 3-5см, вазнаш дар вобаста ба шароити парвариш аз 100 – 300 г мешавад.

Гулкунии сабзӣ дар соли дуюм баъд аз 45 -50 рӯзи шинондани он дар замин сар шуда, қариб 40 рӯз давом мекунад. Дар вақти гулкунӣ қади ниҳолҳо қариб то ба 1 метр мерасад.

Қобилияти сабзиши тухмии сабзӣ одатан зиёд набуда (он 65 -80%)- ро ташкил мекунад ва мӯҳлати нигоҳдории тухмии он 2 -3 сол мебошад.

Сабзӣ растании нисбатан ба хунукӣ тобовар буда, ҳарорати пастарини сабзиши тухмии он 4-6$^0$С ва мӯътадил дар доираи 20-30$^О$С мебошад. Ниҳолҳои нав неш зада баромадаи сабзӣ хунукиҳои кӯтоҳмаддати то – 4$^0$С-ро бе ягон мамоният мегузаронад, вале як нуқтаро қайд кардан зарур аст, ки ин зироат ба гулкунии барвақтӣ дар давраи 5-8 баргаги нихолҳо майл дорад.

## МӮҲЛАТИ КИШТ

Дар шароити Водии Ҳисор кишти сабзиро дар 2-3 мӯҳлат гузаронидан мумкин аст:

| | |
|---|---|
| 1.Аввали баҳорӣ | Дар моҳи феврал гузаронида шуда, ҳосил дар моҳҳои май ва июн ҷамъоварӣ карда мешавад. Дар ин мӯҳлат навъҳои Нантии-4, Шантанэ–2461, Рогнеда, Курода, Ласиноостровская ва ба ҳамин навъҳо монанди селексияи Россия кишт кардан ба мавридаст. |
| 2. Тобистонӣ (кишти такрорӣ) | Дар ин мӯҳлати кишт асосан навъҳои Мшаки Сурх, Мирзои Сурх ва Тиллоранг истифода бурда мешавад. |
| 3. Тирамоҳу зимистонӣ (1-10 ноябр) | Дар ин мӯҳлат навъҳои Нантии-4, Шантанэ–2461, Рогнеда, Курода, Ласиноостровская ва ба ҳамин навъҳо монанди селексияи Россия кишт кардан ба маврид аст. |

## КИШТГАРДОН

Сабзиро дар киштгардон баъди алафҳои бисёрсола, зироатҳои лубиёгӣ, картошка, карам, бодиринг, помидор ва ҷуворимакка кишт намудан хеле мувофиқ аст. Баъди кишти карами дерӣ, бехмевагиҳо ба монанди турб, шалғам ва худи сабзӣ, дар киштгардон барои кишти сабзӣ номувфиқ мебошад. Сабзиро дар як замин паси ҳам кишт кардан мумкин нест, чунки сифати он паст ва ҳосили он хело кам мешавад. Дар як замин кишти сабзӣ бояд на кам аз 3-4 сол бошад.

**Кишт кардани сабзӣ баъд аз зироатҳои зерин тавсия дода мешавад:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Картошка | Гандум | Карам | Ҷуворимакка |
| Қаламфур | Бодиринг | Помидор | Боимҷон |

**Кишти сабзӣ баъд аз зироатҳои зерин тавсия дода намешавад.**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Карами дерӣ | Турб | Шалғам | Пиёзи баҳорӣ | Сабзӣ |

## ПАРВАРИШИ САБЗӢ

Барои кишти сабзӣ заминҳои ҳосилхези обҳои зеризаминиашон чуқур ҷой гирифта ва қумзаминҳо, гилхоки регомези серғизо хуб нашъунамо карда ҳосили хуб медиҳад. Дар заминҳои ботлоқи, сафедхок ва заминҳои струуктураи хокашон вазнин ниҳоли сабзӣ хуб наъшунамо накарда ҳосили кам ва сифати молиаш низ ниҳоят паст медиҳад. Хусусан дар ибтидои сабзиш ва бехмевабандӣ ниҳоли сабзӣ ба моддаҳои ғизоӣ (нитроген, фосфор ва калий) серталаб аст. Ҳангоми норасоии нуриҳои нитрогенӣ барги сабзӣ дер месабзад. Миқдори зиёди он сифати бехмеваро паст мекунад. Нуриҳои фосфорӣ сабзиро серқанд карда расиши бехмеваро метезонад. Калий низ қанди бехмеваро зиёд карда, сабзиро ба касалиҳои бактериявӣ устувор мегардонад.

## ТАЙЁР КАРДАНИ ЗАМИН БАРОИ КИШТ

Замини барои кишти сабзӣ пешбинишударо аз боқимондаҳои растаниҳои пешкишт тоза карда ва вобаста аз мӯҳлати кишти он барои кишти тирамоҳӣ дар моҳи октябр, кишти баҳорӣ дар моҳи ноябр-декабр ва барои кишти тобистона дар моҳҳои июн ва авали июл дар чуқурии 28 -30 см шудгор кардан лозим аст. Ҳангоми шудгори тирамоҳӣ ба ҳар як гектар замин 200 -300 кг (2- 3 кг/сотих) нуриҳои фосфорӣ ва 80 -100 кг/га (0,8–1,0 кг/сотих) нуриҳои калиги пошидан зарур мебошад.



Кишти сабзӣ дар замини кушод

Ба замини сабзӣ поруи тоза намеандозанд, чунки бехмева панҷа зада сифаташ паст мешавад, дар поруи тоза ба миқдори зиёд тухмии алафҳои мебошад ва ба нашъунамои хуби ниҳолҳои сабзӣ ҳам таъсири манфӣ мерасонад ва дар зимистон нигоҳдории онро бад мекунад. Аз ин рӯ поруи тозаро дар зироати пешкишти сабзӣ пошидан лозим аст.

**Нақшаи кишти сабзӣ**

| 1 | Мӯҳлати кишт | Навъҳо | Нақшаи кишт, см | Зичии ниҳолҳо (растанӣ/га) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | гектар | сотих |
| 1 | Барвақтӣ | Навъҳои пешпаз | 60 х20,<br>70 х20 | 1500000<br>1200000 | 15000<br>12000 |
| 2 | Тобистонӣ | Навъҳои миёнапаз | 60 х20,<br>70 х20 | 1500000<br>1200000 | 15000<br>12000 |
| 3 | Тирамоҳӣ | Навъҳои тирамоҳӣ | 60 х20,<br>70 х20 | 1500000<br>1200000 | 15000<br>12000 |

Коркарди пеш аз кишти хок ба мӯҳлатҳои кишт вобаста мебошад. Баъди шудгори замин онро чизелу барона ва ҳамвор кардани ҷӯякҳоро аз рӯи нақшаи 70 х20 см ё 60 х 20 см кашидан лозим аст, баъд қисми болоии ҷӯякҳоро ҳамвор карда тухмиро пошидан лозим аст.

## МЕЪЁРИ КИШТ

Меъёри кишти сабзӣ аз мӯҳлати кишт вобаста мебошад. Барои кишти тирамоҳӣ ва баҳорӣ 4- 5 кг/га (40- 50 г/ сотих), барои кишти тобистона 5- 6 кг/га (50 - 60 г/сотих) мебошад.

Мӯҳлатҳои кишти сабзӣ аз навъ ва мақсади истифодабарии маҳсулоти он вобастагӣ дошта баҳорӣ, тобистонӣ ва тирамоҳӣ мебошад. Барои ин тухмии босифатро истифода бурдан лозим аст, чунки тухмии босифат асоси гирифтани ҳосили баланду босифат мебошад.

Нақшаи кишти сабзӣ ба мӯҳлати кишти он 70 х20, 60 х20 см мебошад. Байни қаторҳо 70 – 60 см, ҷойгиршавии ниҳолҳо 20 см кишт карда мешавад. Дар вақти кишти баҳорӣ киштро дар замини нам гузаронидан лозим аст.

Дар вақти кишти сабзӣ, дар фасли тобистон моҳи июл ва аввали моҳи август), то неш зада баромадани ниҳолҳо намнокии замин бояд аз 75 –80 фоиз кам набошад. Агар дар ин муддат намнокии замин кам гардад, тухмӣ кобилияти сабзишашаро гум карда, мепарад ва дигар аз замин неш зада намебарояд. Барои ҳамин баъди кишти сабзӣ ба замин то пурра неш зада баромадани тухмӣ баъди ҳар 2-3 рӯз об додан лозим аст. Баъди баромадани ниҳолҳо обмониро дар ҳар 6-8 рӯз як маротиба гузаронидан лозим.

Миқдори ниҳолҳои сабзӣ дар як гектар замин бояд 1,2 - 1,5 млн. растанӣ (дар як сотих бошад 12000 – 15000), дар 1 метри мурабаъ бошад 120 -150 ниҳол буданаш лозим аст.

Алафҳои даруни хатакҳои сабзӣ бо ёрии култиватор ё дастӣ нобуд карда мешавад. Дар қаторҳои сабзӣ бошад онҳоро бо тарзи дастӣ хишова кардан лозим аст.

## Усулхои кишти сабзи




### ИСТИФОДАИ НУРИҲОИ МИНЕРАЛӢ

Нуриҳои маъданӣ–яке аз масалаҳои асосии гирифтани ҳосили баланду босифати сабзӣ мебошад. Нуриҳои органикӣ, поруи пусида бояд ҳатман ба пешкишти сабзӣ дода шавад. Истифодаи поруи маҳаллӣ пеш аз кишти сабзӣ, таъсири манфӣ расонида, боиси кафидани бехмева, пайдоиши решаҳои зиёд, паст шудани сифати молӣ ва пӯсиши он мегардад. Барои инро пешгирӣ намудан истифодаи пору дар зироати пешкишт мувофиқи мақсад мебошад.

| *Дар парвариши сабзӣ дар вақти пошидани пору бехмеваҳо ғайри моли шуда сифаташ паст мешавад* | *Сабзиро бояд зироатҳои пеш кишт дар соли дуйюми истифодаи пору кишт кардан лозим мебошад* |
|---|---|
|  |  |

Истифодабарии нуриҳои маъданӣ дар кишти сабзӣ бояд чунин бошад аз рӯи нишондоди ҳосилхезии замин моддаи таъсиркунандаи нитрогенӣ 120 – 150 кг/г, $P_2O_5$ 150 – 180 кг/га ва $K_2O$ 80 – 90 кг/га. Чунин меъёр ба даст овардани ҳосили бехмеваи сабзиро 250 – 400 с/га таъмин менамояд. Дар вақти ба нақшагирии ҳосил аз ин нишондиҳанда паст ё баланд миқдори истифодабарии нурии минералӣ мутаносибан кам ва ё зиёд карда мешавад.

Пеш аз кишт, дар вақти тайёр кардани замин ва кашидани хатакҳо 70 фоизи нуриҳои фосфорию калийдор ва 30 фоиз нуриҳои нитрогенӣ истифода карда шуда, боқимондаи онҳо дар ду озуқадиҳӣ, баъди хишоваи аввал ва бехгирии сабзӣ ба замин бо ёрии култиватор ё дастӣ мепошанд.

**Меъёри солонаи истифодабарии нуриҳои органикӣ ва минералӣ дар заминҳои кишти сабзӣ ба ҳисоби миёна (аз руӣ меърӣ физики)**

| № | Номгуи нуриҳо | Меъёри истифодабарӣ | Шумораи истифодабарӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Нуриҳои органикӣ | 30 - 40 т/га | Ба пешкишти он пошидан лозим |
| 2 | Нуриҳои нитрогенӣ (селитраи аммиаки) | 400 - 500 кг/га | 3 маротиба (150- 200 кг) |
| 3 | Нуриҳои фосфорӣ (аммофос) | 300 – 400 кг/га | 2 маротиба (150- 200 кг) |
| 4 | Нуриҳои калигӣ (намаки калий) | 100 -150 кг/га | 2 маротиба |

**Меъёр ва давраи истифодабурдани нуриҳои минералӣ дар замини кишти сабзӣ ба ҳисоби миёна**

| № | Номгӯи нуриҳои минералӣ | Вақти озуқадиҳӣ | Меъёри истифодабарии нурӣ | | Давраи нашъунамои растанӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | кг/га | кг/ сотих | |
| 1 | Нуриҳои фосфорӣ (аммофос ё суперфосфат) | Тирамоҳ пеш аз шудгори замин | 200 -300 | 2,0 – 3,0 | Пеш аз кишт |
| | Калигӣ (намаки калий) | Тирамоҳ пеш аз шудгори замин | 80 - 100 | 0,8 – 1,0 | Пеш аз кишт |
| 2 | Селитраи аммиакӣ | Озуқадиҳии якум | 150 - 200 | 1,5- 2,0 | Дар вақти 5 - 6 баргагии ниҳолҳо, баъди хишова ва ягона-куни якум |
| | Аммофос | | 150- 200 | 1,5- 2,0 | |
| | Намаки калий | | 30 – 40 | 0,3 - 0,4 | |
| 3 | Селитраи аммиакӣ | Озуқадиҳии дуюм | 150- 200 | 1,5- 2,0 | Баъди 2–3 ҳафтаи озуқаи якум, баъди хишова ва ягонакунии дуюм |
| | Аммофос | | 150- 200 | 1,5- 2,0 | |
| 4 | Селитраи аммиакӣ | Озуқадиҳии сеюм | 100 | 1,0 | Дар вақти аввали бехгирии ниҳолҳо |

Дар ҳолати бо тухмипошак кишт кардани сабзӣ, алафҳои даруни ҷӯякҳои сабзиро бо култиватор нест кардан мумкин аст. Дар қаторҳои сабзӣ бошад, онҳоро дастӣ хишова кардан лозим аст. Дар киштзори сабзӣ барои нест кардани алафҳои бегона истифодаи гербисидҳо низ аҳамияти калон дорад. Баъди кишти сабзӣ ба замин дар як сотих 10-12 грамм гербисиди прометринро (Гезагард) истифода бурдан боиси нест гаштани алафҳои бегона мегардад. Ин чорабинӣ 90-95 фоизи алафҳои бегонаро нобуд менамояд. Прометринро (Гезагард) дар вақти 2-3 барги ҳақиқӣ баровардани растаниҳо истифода бурдан мумкин аст. Барои ин 12-15 гр. гербисидро дар 10 литр об омехта карда, ба як сотих замин ба воситаи дорупошак, ё дастӣ бо ҷорӯб пошидан мумкин.



Барои нобуд кардани алафҳои бегона керосинро низ истифода бурдан мумкин аст. Барои ин 2-3 л керосинро дар 5- 6 литр об аралаш карда дар як сотих замин пошидан лозим аст.





Дар ҳолати зиёд будани зичии растаниҳо киштзорро 2 ё 3 маротиба ягона кардан лозим аст. Ягонаи якумро дар вақти 2-3 баргӣ асосӣ баровардани растаниҳо дар якҷоягӣ бо хишоваи якуми алафҳои бегона гузаронида ниҳолҳоро дар масофаи 3-4 см аз якдигар дур мемонанд. Ягонаи дуюмро дар давраи 5-6 баргагӣ ниҳолҳо дар хишоваи дуюми ниҳолҳо гузаронида, масофаи байни растаниҳоро 5-6 см мондан лозим мебошад. Ягонакунии сеюмро дар вақти ҷамъоварии якуми интиҳоби хосил гузаронида масофаи байни растаниҳоро 7 – 10 см гузоштан лозим мебошад, ин амал имкон медиҳад, ки растаниҳои боқимонда хуб нашъунамо карда, хосили босифат диҳад. Дар минтақаи води Ҳисор сабзиро баъди ҳар 6-7 рӯз ва дар давраи нашъунамояш умуман 7-10 маротиба об медиҳанд.

## ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛИ САБЗӢ





Ҳосилғундории сабзӣ

Ҷамъоварии ҳосили сабзии тирамоҳиро аз нима ва охирхои моҳи апрел ва аввалҳои моҳи май оғоз карда, то охирҳои моҳи ва июнь мегузаронанд.
Сабзии баҳориро бошад дар охирҳои моҳи май ва аввали ва нимаҳои моҳи июн мегузаронанд.

Дар вақти кишти сабзӣ дар фасли тобистон (июл - аввали август), ҷамъоварии бехмеваи онро дар охирҳои моҳи октябр, ноябр ва декабр гузаронидан мумкин аст. Баъди ҷамъоварӣ бехи сабзӣ қисми поёнии ниҳоли онро аз бехаш буридан лозим аст. Барои он, ки агар бехи он бурида нашавад, намиаш зуд мепарад ва он дер намеистад, инчунин зуд сифаташро гум мекунад.

Агар бехи сабзиро хунук занад, он мазаашро гум карда, дер намеистад. Баъди ҷамъоварии ҳосили сабзӣ баргу буттаи онро аз бехаш буридан зарур мебошад. Барои он ки агар баргу буттаи сабзӣ бурида нашавад, намиаш зуд парида, дар оянда он дер намеистад ва зуд сифаташро гум мекунад. Баъди ғунучини ҳосил, онро ба навъҳо тақсим карда, қисми хубашро ба фуруш мебароранд ва боқимондаи босифаташро мувофиқи талаботи истеъмолӣ, дар чоҳҳо зери хоки нам бо ғафсии 40 -50 см дар тирамоҳу зимистон нигоҳ медоранд. Ғафсии хок бошад 10-12 сантиметрро ташкил бояд диҳад.

## ТУХМИПАРВАРИИ САБЗӢ



Тухмии сабзӣ

Сабзӣ зироати дусола буда, дар соли якум баъди бо тухмаш коридан бехмева дода, дар соли дуюм баъди шинондани бехмевааш тухмӣ медиҳад. Барои ҳамин дар вақти ғунучини ҳосили он барои тухмии бехмеваҳои сиҳату солим ва навъи мешинондагӣ аҳамияти калон дорад. Барои парвариш намудани тухмӣ метавон аз сабзие, ки дар фасли тобистон (моҳи июл ва аввали август) парвариш меёбад дар тирамоҳ бехмеваҳои мувофиқро чудо карда, баргу пояи онҳоро аз бехмева қайчӣ кардан лозим аст. Дар вақти буридани баргу пояи он бояд диққати асосиро ба он равона сохт, ки нуқтаи сабзиши бехмеваи он осеб наёбад. Заминро барои шинондани бехмеваҳои сабзӣ дар чуқурии 28-30 см шудгор ё побел намуда, баъд аз он чизел ва бо сихмола ҳамвор намудан лозим аст. Хатакҳои киштзорро дар масофаи 70 см аз ҳамдигар дур кашидан лозим аст. Барои шинондани бехмеваҳои сабзӣ дар 1 сотих замин 45-50 кг бехмева лозим аст. Мӯҳлати асосии шинондани сабзии тухмӣ моҳҳои ноябр ва декабр мебошад.

Дар вақти шинондани он дар моҳҳои феврал ва март, ҳосили тухмии он назар ба киштзори тирамоҳӣ (ноябр ва декабр) кам мегардад. Сабабаш дар он аст, ки дар вақти шинондани он дар тирамоҳ ниҳоли он хуб панҷа зада, ҳосили баланд медиҳанд. Вале дар вақти шинондани он дар фасли баҳор панҷазании он кам гашта, ҳосили кам медиҳад (2-3 кг аз 1 сотик).

Бехмеваи сабзии дар замин нағз тайёр карда шуда, бо схемаи 70 х 30см бояд шинонда шавад. Масофаи байни қаторҳо 70 см ва байни ниҳолҳо аз якдигар 28-30 см бояд бошад. Барои ҳосили баланд гирифтан бояд, ки дар 1 сотих замин на кам аз 460-480 дона сабзӣ шинонда шавад. Бехмеваҳои сабзиро дар чуқурии 6-8 см шинондан лозим аст. Дар вақти шинондани бехмеваи сабзӣ дар фасли тирамоҳ онро об намедиҳанд. Агар тирамоҳ камбориш ва хушкояд, ба киштзор як маротиба барои реша гирифтани бехмеваҳо об додан зарур аст. Дар вақти баҳор дар моҳҳои март ва апрел бехи ниҳолҳоро нарм карда, хокро ба зери онҳо кашидан лозим аст. На дертар аз охирҳои моҳи март ва аввали апрел ниҳолҳоро бояд озӯқа дод. Сарфи нуриҳо бояд 1,5- 2,0 кг нуриҳои нитрогенӣ ва 2,0 кг нуриҳои фосфорӣ дар 1 сотик андохтан лозим аст. Дар вақти нашъунамои ниҳолҳо то пайдо гаштани хушагулҳо 1-2 маротиба хишова кардани байни қаторҳо ва 3 маротиба нарм кардан лозим аст. Обдиҳии ниҳолҳоро аз моҳи апрел сар карда, аз руи зарурияти ниҳолҳо ба обдиҳӣ ба киштзор об додан лозим аст. Дар маҷмуъ ба киштзор бояд 6-7 маротиба об дод. Масофаи байни обдиҳӣ мувофиқи зарурияти он 7-8 рӯз мебошад. Об хусусан дар давраи гулкунӣ ва тухумбандии ниҳолҳо зарур аст. Ҳангоми пухта расидани тухмӣ муҳлати байни обмонӣ то 8-10 рӯз дароз мегардад. Тухмии сабзӣ нобаробар мепазад, бинобар ин онро 2-3 ё 1 маротиба ( вақте ки қисми зиёди тухмӣ мепазад), ҷамъоварӣ карда мехушконанд. Ҳосили тухмии сабзӣ аз 1 сотих замин аз 5-7 то 10 кг-ро ташкил медиҳад. Тухмии сабзиро то 3-4 сол нигоҳ доштан мумкин аст.

## КАСАЛИҲОИ САБЗӢ

Сабзӣ дар давраи нашъунамои худ ва дар давраи нигоҳдориаш ба касалиҳои гуногун дучор мешвад, ки боиси паст шудани ҳосил ва сифатнокии он мегардад, ба монанди Пӯсиши сиёҳ (альтернариоз), Пӯсиши хушк (фомоз), пӯсиши реша (Ризоктониоз) бактериоз, пӯсиши сафеди бехиҳо мегардад.

### Касалии пӯсиши сиёҳ (Альтернариоз)



Касалии замбуруғӣ буда ниҳолҳо сабзиро асосан дар давраи нашъунамояш сироят мекунад. Дар давраи зиёд будани намнокии ҳаво афзоиши он хело зиёд мешавад. Он аввал дар баргҳо пайдо шуда, онҳоро хушк менамояд, баъд инфексия ба бехмева дохил шуда, онро дар оянда мепӯсонад. Дар вақти нигоҳдори ин касалӣ пӯсиши хушки бехмеваҳоро ба вуҷуд меоварад. Дар болои бехиҳо доғҳои чигарӣ ва хокистаранг пайдо мешавад ва онҳо хушкида бехиҳоро нобуд мекунанд.

**Чораҳои мубориза:**

1. Ҷорӣ кардани системаи киштгардон дар парвариши сабзӣ.
2. Нест кардани боқимондаҳои растаниҳо дар саҳро.
3. Дезинфексия кардани анборҳо барои нигоҳдории бехи сабзӣ.
4. Истифода бурдани фунгитсидҳо ба монанди Арсерид, Ридомил Голд –Мц-60, Даконил бо маҳлулҳои 0,2 –0,3%-аи онҳо. Дар 10-12л об 20-30 грамми ин захрхимикатҳоро истифода бурдан лозим мешавад.

### Касалии пӯсиши хушк ( Фомоз)



Як намуди касалии растании ангезандааш замбуруғӣ ҷинси Phoma мебошад. Дар натиҷаи ба ин намуди касалӣ гирифтор шудани сабзӣ, бехмевааш пӯсида дар танааш доғҳои хокистарӣ пайдо мешавад. Манбаи асосии ангезанда, боқимондаҳои растаниҳо ва тухмии сирояткунанда мебошад. Дар вақти нигоҳдории сабзӣ дар анборхона ҳам он афзоиши зиёд меёбад.

**Чораҳои мубориза:**

1. Ҷорӣ кардани системаи киштгардон дар парвариши сабзӣ.
2. Нест кардани боқимондаҳои растаниҳо дар сахро.
3. Дезинфексия кардани анборҳо барои нигоҳдории бехи сабзӣ.
4. Истифода бурдани фунгидсидҳо ба монанди Арсерид, Ридомил Голд –Мц-60, Даконил бо маҳлулҳои 0,2–0,3%-аи онҳо. Дар 10-12л об 20-30 грамми ин захрхимикатҳоро истифода бурдан лозим мешавад.

www.aist.tj

**Касалии пӯсиши сафед**



Як намуди касалии растании ангезандааш замбуруғӣ мебошад. Дар натиҷаи ба ин намуди касалӣ гирифтор шудани сабзӣ, бехмевааш мулоим шуда бо пардаи хокистарӣ пушонида шуда дар қисмҳои гуногуни бехмева доғҳои хокистарӣ пайдо мешавад ва онҳо охиста оҳиста ба доғҳои сафед мубаддал мегарданд ва дар натиҷа бехмева пӯсида нобуд мешавад. Манбаи асосии ангезанда, боқимондаҳои растаниҳо ва тухмии сирояткунанда мебошад. Дар вақти нигоҳдории бехӣ дар анборхона ҳам он афзоиши зиёд меёбад.

**Чораҳои мубориза:**

1. Ҷорӣ кардани системаи киштгардон дар парвариши сабзӣ.
2. Нест кардани боқимондаҳои растаниҳо дар саҳро.
3. Истифодаи самараноки нуриҳои фосфорию калигӣ ба киштзори сабзӣ.
4. Дезинфексия кардани анборҳо барои нигоҳдори бехи сабзӣ.
5. Истифода бурдани фунгидсидҳо ба монанди Арсерид, Ридомил Голд –Мц-60, Даконил бо маҳлулҳои 0,2–0,3%-аи онҳо. Дар 10-12л об 20-30 грамми ин заҳрхимикатҳоро истифода бурдан лозим мешавад.

## ҲАШАРОТҲОИ ЗАРАРРАСОН

Ба киштзори сабзӣ асосан ҳашаротҳои зараррасон ба монанди пашаи сабзӣ, мӯри сабзӣ, симкирмҳо ва шира зарари калон мерасонад.

**Пашаи сабзӣ**



Яке аз ҳашаротҳои асосии зараррасони сабзӣ ба ҳисоб меравад. Пайдошавии он аз моҳи апрел сар карда то моҳҳои октябр - ноябр давом мекунад. Дар минтақаҳое, ки системаи киштгардони парвариши зироатҳои сабзавотӣ ҷорӣ карда намешавад ва агротехникаи парвариши сабзӣ риоя намешавад инкишофи онҳо хело зиёд мешавад. Дар ҳолати аз ҳад зиёд гарм шудани ҳаво ва зиёд шудани намӣ низ ба зиёд онҳо мусоидат мекунад. Зарари асосиро кирминаи паша ба бехмеваи сабзӣ мерасонад. Давраи тухммонии паша қариб 50 рӯзро дар бар мегирад.

Паша дар наздикии меваи сабзӣ дар замини нам тухм мегузорад, баъди 5 -7 рӯз аз тухм кирминаҳо баромада ба дохили бехии сабзӣ даромада, қариб 3 ҳафта онро хӯрда, сифати онро паст карда оқибат нобуд мекунад.

**Чораҳои мубориза**

Барои несту нобуд кардани пашаи сабзӣ асосан аз воситаҳои кимиёвӣ пестисидҳоро истифода бурдан лозим аст, ба монанди маҳлули 0,2%-аи Нурелл-Д, Десис, БИ-56–и нав аз руӣ меъёри 20мл дар 10л об омехта карда пошидан зарур мебошад.

**Симкирмҳо (Проволочник)**



Яке аз зараррасони хавфноки сабзӣ ба ҳисоб рафта меваи онро сурох карда сифати молии онро паст мекунад. Симкирмҳо асосан дар зери замин зиндагӣ карда ба зироатҳо зарар мерасонанд. Аз ҳама бештар кирмина зарар мерасонад. Бадани онҳо дароз, сахт ва се ҷуфи пои хурд дошта дарозиаш 10-25 мм, рангаш зард ё сафеди ҷигарӣ мебошад.

**Чораҳои мубориза**

- Ба роҳ мондани системаи киштгардон. Кишти сабзӣ баъди 3-4 сол.
- Истифодаи маҳлули 5%-и тентохлорид 22% бо роҳи захролуд кардани тухмии ҷав, гандум ва ҷуворимакка. Сарфаи тухмии заҳролудкардашуда 20-30 кг/га (200-300 гр/дар як сотих).

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

**Кишт ва парвариши сабзӣ, хароҷот ба 1га***

| № т/р | Номгӯи харочот | Воҳиди ченак | Маблағ Нарх (сомонӣ) | Маблағи умумӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| | **Харочот** | | | |
| 1 | Шудгор | 30 л. | 4,70 | 141 |
| 2 | Чизелу мола | 20 л. | 4,70 | 94 |
| 3 | Тахту ҳамворкунӣ | 10 л. | 4,70 | 47 |
| 4 | Тухми сабзӣ | 8 кг | 60 | 800 |
| 5 | Кишти сабзӣ бо сеялка | 10 л. | 4,00 | 40 |
| 6 | Музди меҳнати тракторчӣ | 1 га | | 300 |
| 7 | Обмонӣ (5 маротиба) | - | 40 | 200 |
| 8 | Нуриҳои минералӣ | 300 кг | 2,80 | 840 |
| 9 | Хишова (3-маротиба) | | | 300 |
| 10 | Чиниши сабзӣ | - | - | 400 |
| 11 | Андози ягон (ба хисоби миёна) | 1 га | - | 133 |
| 12 | Фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 1 га | - | 180 |
| 13 | Пули истифодаи об | 1 га | - | 136 |
| 14 | Музди меҳнати коргарон | 1 га | | 227 |
| 15 | Заҳрхимикатҳо | 1 га | | 250 |
| 16 | Дигар харочот | | | 200 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **4288** |
| | **Даромад** | | | |
| 1 | Ҳосили сабзӣ, фурӯш | 15 тонна | 1-00 | 15000 |
| | **ҲАМАГӢ** | | | **15000** |
| | | | | |
| | **Натиҷа**: +фоида, - зарар (Даромади соф) | | | **+10712** |

**** Арзиши маҳсулот ба моҳи ноябри соли 2010***

## МУНДАРИҶА

саҳ.


Пешгуфтор ………………………………………………………………………………….. 3

Навъҳо …………………………………………………………………………………. 3

Хусусиятҳои биологии сабзӣ ………………………………………………………… 4

Мӯҳлати кишт ………………………………………………………………………… 5

Киштгардон………………………………………………………………………… 6

Парвариши сабзӣ ………………………………………………………………….. 6

Тайёр намудани замин барои кишт……………………………………………… 6

Меъёри кишт………………………………………………………………………… 7

Истифодаи нуриҳои минералӣ ……………………………………………… 8

Ҷамъоварии ҳосили сабзӣ………………………………………………………… 10

Тухмипарварии сабзӣ………………………………………………………………. 11

Касалиҳои сабзӣ …………………………………………………………………… 12

Ҳашаротҳои зараррасони сабзӣ ……………………………………………………. 13

Ҷадвали хароҷот барои парвариши сабзӣ ………………………………………… 16



БАХРИ ДЕХОТИ ДОРО
www.aist.tj